**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 1**

**аз 12 июни соли 2014** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарори Пленум аз 16 июни соли 2015, №73 ворид гардиданд)***

Бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Мувофиқи моддаи 5 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Дар моддаҳои 8 ва 30 Сарқонун муқаррар гардидааст, ки дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад.

Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои ба зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гуруҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Масъалаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ) дошта ва тартиби баррасии парвандаҳои ҷиноятии номбурда бо Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)», Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ), Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии зерини аз тарафи Тоҷикистон эътирофшуда ба танзим даровард шудаанд:

а) Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948);

б) Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои граждани ва сиёсӣ (соли 1966);

в) Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ (соли 1965);

г) Эъломияи Ассамблеяи генералии СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои тоқатнопазирӣ ва табъизи (дискриминатсия) ҳуқуқ дар асоси дин ё ақида (соли 1981);

д) Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (1995);

е) Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм (соли 2001).

2. Тибқи қонунгузории ҶумҳурииТоҷикистон экстремизм–ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноором̄ӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва азонихудкуниисалоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад.

Фаъолияти экстремистӣ-фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ вобаста ба банақшагирӣ, ташкилкунӣ, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое (кирдорҳое) мебошанд, ки барои иҷрои мақсадҳои зерин равона карда шудаанд:

а) ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва халалдор сохтани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) зарар расонидан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) ғасб ёазонихудкуниисалоҳияти ваколатҳои ҳокимият;

г) ташкил кардани гуруҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ;

д) амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ;

е) ангезонидани муноқишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин муноқишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст;

ж) паст задани шаъни миллӣ;

з) ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва вандализм бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё бо сабабҳои бадбинӣ ё хусумат нисбати ягон гуруҳи иҷтимоӣ;

и) ташвиқоти ягона бурдан, бартарӣ доштан ё номукаммалии шаҳрвандон аз рӯи хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо;

к) даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбаршуда;

л) маблағгузорӣ ба фаъолияти мазкур ё расонидани кӯмак барои амалӣ гаштани он, чудо кардани манзил, пардохти арзиши иҷораи манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ, алоқаҳои телефонӣ, факсӣ, хизматрасонии иттилоотӣ, дигар воситаҳои моддӣ-техникӣ.

Маводи экстремистӣ - интишори иттилоот ё ҳуҷҷатҳое, ки барои амалӣ гаштани фаъолияти экстремистӣ даъват карда мешаванд ё зарурияти амалигардонии ин фаъолиятро асоснок менамоянд ё ҳақ мешуморанд, нашрияҳо, ки зарурияти бартарии миллӣ ё нажодиро асоснок менамоянд ё ҳақ мешуморандё таҷрибаи ҷиноятҳои ҳарбӣ ва дигар ҷиноятҳоро, ки ба несту нобудкунии пурра ё қисми ягон намуд гуруҳи этникӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ равона карда шудааст, асоснок мегардонад ё ҳақ мешуморанд.

Ташкилоти экстремистӣ - иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилоте мебошад, ки нисбати он тибқи асосҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» оид ба барҳам додан ё манъ намудани фаъолият вобаста ба машғул шудан ба фаъолияти экстремистӣ қарори суд эътибори қонунӣ пайдо намудааст.

3. Бояд дар назар дошт, кибо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001 фаъолияти «Ҳизб-ут-таҳрир» ғайриқонунӣ амалкунанда ва аз 11 марти соли 2008 «Ҳизб-ут-таҳрир» ташкилоти экстремистӣ эътироф гардида, вебсайти интернетии «Ҳизб-ут-таҳрир» зери унвони www.hisbut-tahrir.org. дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.

Ғайр аз ин, бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2006 фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ташкилотҳои террористӣ ва экстремистии зерин дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст:

-Ташкилоти «Ал-Қоида»;

-Ҳаракати Исломии Туркистони Шарқӣ;

-Ҳизби Исломии Туркистон (собиқ ҳаракати Исломии Узбекистон);

-Ҳаракати Толибон;

-Ташкилоти Бародарон Мусулмонон;

-Ташкилоти Лашкар Тайба;

-Гуруҳи Исломӣ (Ҷамоати Исломии Покистон);

-Ҷамъияти Таблиғот;

-Ташкилоти динии миссионерии Созмони Таблиғот;

-Тоҷикистони Озод.

Ҳамчунин бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2009 фаъолияти равияи динии «Салафия» ғайриқонунӣ амалкунанда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, фаъолият ва ба ҳудуди Тоҷикистон бо мақсади тарғибу ташвиқи ғояҳои «Салафия» ворид, паҳн намудани аудио, видеосабтҳо, адабиёту варақаҳои он манъ карда шудааст.

Бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2014 равияи динии «Салафия» иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) эътироф карда, сомонаҳои интернетии он баста шудааст.

Бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2012 Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ» ташкилоти террористӣ, экстремистӣ ва ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда эътироф гардида, фаъолияташ манъ карда, вебсайти интернетии www. irshod.kom, www.irshod.net ва дигар вебсайтҳои Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ» баста шудааст. Ба ҳудуди Тоҷикистон ворид, паҳн, истеҳсол, чопу нашр намудани адабиёту варақаҳо, аудио ва видеосабтҳои Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ» манъ карда шудааст.

Бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2014 ҳаракати ҷамъиятии «Гуруҳи 24» ташкилоти экстремистӣ ва ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда эътироф гардида ва фаъолияташ манъ карда шудааст. Сомонаҳои интернетии «Гуруҳи 24» баста шуда, ба Тоҷикистон ворид намудан ва дар ҳудуди он паҳн, истеҳсол, чопу нашр намудани адабиёту варақаҳо, аудио ва видеосабтҳои «Гуруҳи 24» манъ карда шудааст.

Бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 2015 ташкилотҳои «Давлати исломӣ» («Давлати исломии Ироқу Шом») ва «Ҷабҳату-н-Нусра» («Ҷабҳат ан Нусра»), ташкилотҳои экстремистӣ (ифротгароӣ)- террористӣ эътироф гардида ва фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст. Сомонаҳои ташкилотҳои экстремистӣ (ифротгароӣ)- террористӣ «Давлати исломӣ» («Давлати исломии Ироқу Шом») ва «Ҷабҳату-н-Нусра» («Ҷабҳат ан Нусра») баста шуда, ба қаламрави Тоҷикистон воридоту паҳни аудиосабтҳо, видеонаворҳо ва адабиёту варақаҳои ташкилотҳои номбурда манъ карда шудааст.

4. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии дорои хусусияти экстремистӣ(ифротгароӣ)-дошта, аз як тараф ҳифзи манфиати омма (асосҳои сохти конститутсионӣ, ягонагӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон), аз тарафи дигар-ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст (озодии сухан, нашр, муносибат ба дин, ширкат варзидан дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор), таъмин намоянд.

5. Ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта ҷиноятҳое, ки бо ангезаи бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, ё динӣ, ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гуруҳи иҷтимоӣ, содир шудаанд,инчунин ҷиноятҳои дигаре,дохил мешаванд, ки мутобиқи мақсадҳои қайдшуда содир гардидаанд(моддаҳои 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, $237^{1,}$ 242, 243 КҶ) ва тибқи талаботи банди «е» қисми 1 моддаи 62 КҶ ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо эътироф карда мешаванд.

6. Таваҷҷуҳи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки тибқи сархати 5 моддаи 85 КМҶ ҳангоми таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятии дорои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-доштаангезаисодир намуданичунин ҷиноят бояд исбот карда шавад.

Ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт ва саломатии бо ангезаинафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ, ё интиқоми хунӣ (интиқом)содиршуда, мутаносибан бо банди «м» қисми 2 моддаи 104, банди «м» қисми 2 моддаи 110, банди «е» қисми 2 моддаи 111 КҶ банду баст карда мешаванд.

Дар назар доштан зарур аст, ки ангезаи ҷиноятҳо аз нигоҳибадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, ё динӣ, ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гуруҳи иҷтимоӣ, бояд азангезаи ҷиноятҳое, ки дар асоси хусумати шахсӣ содир шудаанд, фарқ карда шаванд. Барои дуруст муқаррар кардани ангезаи ҷиноят, бояд аз ҷумла, давомнокии муносибати шахсии айбдоршаванда (судшаванда) бо ҷабрдида, мавҷудияти хусумати байни онҳо, ки ба фикру ақидаҳои миллӣ, динӣ, идеологӣ, сиёсӣ, мансубият ба ин ё он нажод ё гуруҳи иҷтимоӣ алоқаманд намебошад, ба инобат гирифта шавад.

7. Таҳти мафҳуми даъват (моддаи 307[1] КҶ) ин таъсир расонидан ба шуур ва иродаи одамон бо мақсади майл намудани онҳо ба амалигардонии фаъолияти экстремистӣ фаҳмида мешавад. Шаклҳои даъват метавонанд шифоҳӣ, хаттӣ бошанд ё тавассути воситаҳои техникӣ ифода гарданд. Агар даъват аз тариқи истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернетӣ содир гардад, он гоҳ таркиби ҷинояти бо қисми 2 моддаи 307[1] КҶ пешбинишударо ташкил медиҳад.

Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки дар моддаи 307[1] КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои даъвати оммавӣ барои ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ пешбинӣ гардидааст.

Зери мафҳуми даъвати оммавӣ ҳама гуна муроҷиат ба доираи васеи одамонбо мақсади барангехтани онҳо дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ фаҳмида мешавад.

Ба суд, судяҳо зарур аст, ки ба ҷой доштан ё надоштани даъвати оммавӣ бо назардошти ҷой, тарз, вазъият ва дигар ҳолатҳо (муроҷиат ба гуруҳи шахсон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, маҷлисҳо, гирдиҳамоӣ, намоишҳо, паҳн кардани варақаҳои ташвиқотӣ, овехтани лавҳаҳо, ҷой кардани даъват бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи Интернет, (масалан дар сайтҳо, блог ё форумҳо, паҳн кардани паёмҳо бо роҳи ирсоли хабарҳои электронӣ) баҳо дода мешавад.

Ҷиноят аз лаҳзаи ба таври оммавӣ эълони (паҳн намудани) ҳатто як даъват (муроҷиат)новобаста аз он ки барои ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ дигар шахсонро барангехтааст ё не, хотимаёфта эътироф карда мешавад.

8. Ҳангоми эълон намудани айб ва гунаҳгор донистани шахс бо аломати бандубасткунандаи банди «г» қисми 2 моддаи 307 ва қисми 2-и моддаи 307[1] КҶ, яъне истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи Интернет мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»-ро аз19 марти соли 2013 таҳти №961 ба инобат гиранд.

9. Ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ, инчунин тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳал равона карда шудаанд, ҷавобгарии ҷиноятиро бо қисми 1 моддаи 189 КҶ танҳо дар ҳамон ҳолат ба миён меоваранд, ки агар онҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма (масалан, баромад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, паҳн кардани варақаҳои ташвиқотӣ, лавҳаҳо, ҷой кардани иттилооти дахлдор дар маҷаллаҳо, брошюраҳо, китобҳо, бо истифода аз воситаҳои ахбориомма, дар шабакаи Интернет ва ҳаракатҳои дигари ба ҳамин монанд, аз ҷумла бо мақсади бо иттилоот шинос кардани шахсони дигар) содир шуда бошанд.

Таҳти мафҳуми кирдорҳои дар моддаи 189 КҶ пешбинишуда ҳаракатҳои мушаххас ҷиҳати барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ, инчунин тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳал равона шудаанд, аз ҷумла баромадҳое (суханҳое), ки зарурати генотсид ва содир намудани дигар ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла татбиқи зӯроварӣ нисбати намояндагони ягон миллат, нажод, маҳал, мазҳаби ин ё он дин ва гуруҳи дигари шахсонро асоснок ва (ё) тасдиқ менамоянд, фаҳмида мешавад.

Танқиди ташкилотҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои идеологӣ ва динӣ, фикру ақидаи сиёсӣ, идеологӣ ё динӣ, расму оини миллӣ ё динӣ набояд ҳамчун ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ равона гардидаанд, донист шаванд.

10. Ҷинояти бо қисми 1 моддаи 189 КҶ пешбинишуда аз лаҳзаи содир гардидани ҳатто як ҳаракате, ки ба барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ, инчунин тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳал равона шудааст, хотимаёфта эътироф мешавад, ба шарте, ки он бо таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма содир шуда бошад.

Масъала ҷиҳати он ки оё паҳнкунии оммавии маводи экстремистӣ (ифротгароӣ), ки дар моддаи 16Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» номбар шудаанд,таркиби ҷиноят (моддаи 189 КҶ) ё кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (моддаи 374 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҲМ)-ро ташкил медиҳад, вобаста аз қасди равонагардидаи шахсе, ки чунин маводро паҳн мекунад, бояд ҳал карда шавад.

Агар шахс маводи экстремистӣ (ифротгароӣ)-ро бо мақсади барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ, инчунин тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳал паҳн кунад, он гоҳ ӯ бо моддаи 189 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Изҳори фикру ақидаҳо, истифодаи воқеияти муносибатҳои байналмилалӣ ва ё дигар муносибатҳои иҷтимоӣ дар музокираҳо ва матнҳои илмӣ ё сиёсӣ, ки мақсади барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ, тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳалронадоранд, ҷиноят намебошад.

11. Бояд дарназар дошт, ки аломати бандубасткунандаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он ки дар банди «б» қисми 2 моддаи 189 КҶ пешбинӣ гардидааст, аз аломати ҷузъикунандаи бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ, ки дар банди «м» қисми 2 моддаи 104, банди «м» қисми 2 моддаи 110, банди «е» қисми 2 моддаи 111 КҶ пешбинишудабо он фарқ мекунад, ки содир намудани ҷинояти дар аввал номбаршуда на танҳо бо ангезаи бадбинӣ нисбати ҷабрдидаи аниқ, балки ба ноил гардидан ба мақсадиниҳоии махсус - барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ, инчунин тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳал дар шахсони дигар равона карда шудааст. Масалан, татбиқи зӯроварӣ нисбати ҷабрдида аз рӯи аломати мансубият ба нажод ё миллати муайян, ки бо изҳороти нажодпарастӣ ё миллатгароӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар ҳузури шахсони бегона.

12. Суд, судяҳо бояд ба эътибор гиранд, ки «бо истифодаи мақоми хизматӣ» содир намудани ҷиноят (банди «в» қисми 2 моддаи 189 ва қисми 3 моддаи $307^2$ КҶ), ҳолате эътироф мегардад, ки агар шахс мақоми хизматиашро истифода намуда, ҷиноятҳои номбурдаро содир карда бошад. Аз ҷумла шахсони мансабдоре, ки мафҳуми онҳо дар қисми 1эзоҳ ба моддаи 314 КҶ дода шудаанд ва хизматчиёни давлатие, ки шахсони мансабдор дониста намешаванд, инчунин шахсони дигаре, ки дар қисми 1 эзоҳ ба моддаи 295 КҶ ҷавобгӯй мебошанд, дохил мешаванд.

Аломати бандубасткунандаи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» (банди «в» қисми 2 моддаи 189 ва қисми 3 моддаи $307^2$ КҶ) на танҳо дар қасдона аз ҷониби шахсони дар боло зикргардида бо истифодаи мақоми хизматии худ содир кардани ҷиноят зоҳир мегардад, балки бо истифода аз обрӯ ва эътибори вазифаи ишғолнамудаашон таъсир расонидан ба шахсони дигар бо мақсадибарангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ, инчунин тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳал, мансубият ба гурӯҳи иҷтимоӣ равона шудаанд, иборат мебошад.

13. Дар ҳолати содир намудани вандализм (дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ содиршуда), несту нобуд ё вайрон кардани ёдгориҳои таърих ё фарҳанг, таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо бо ангезаи кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ ва ё дигар аломатҳои дар моддаи 189 КҶ пешбинигардида, он гоҳ кирдори гунаҳгор бо маҷмӯи ҷиноятҳои моддаҳои $237^1$, 242, 243 ва моддаи 189 КҶ банду баст карда мешавад.

14. Таҳти мафҳуми иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) (моддаи $307^2$ КҶ) - гуруҳи муташаккил фаҳмида мешавад, ки қаблан барои тайёр ё содир кардани як ё якчанд ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта муттаҳид гардида, бо мақсади таҳияи нақшаҳо ва фароҳамоварии шароит барои расидан ба ҳадафҳои ҷиноятпешаи хусусияти экстремистидошта равона гардидаанд.

Зери мафҳуми ҷузъу томҳои иттиҳоди экстремистӣ гуруҳҳои алоҳидаи дар маҳалҳо амалкунандае фаҳмида мешавад, ки аз ду ё зиёда шахсон (аз ҷумла роҳбари гуруҳи мазкур) иборат буда, фаъолияти ҷинояткоронаро дар доира ва мутобиқи мақсадҳои иттиҳоди экстремистӣ ба амал мебароранд. Чунин ҷузъу томҳо ҷиноятҳои на танҳо алоҳидаи дорои хусусияти экстремистӣ доштаро содир менамоянд, балки дигар амалҳоро оид ба таъмини фаъолияти иттиҳоди экстремистӣ ба анҷом мерасонад(масалан, таъмин кардани иттиҳод бо силоҳ, предметҳои дигаре, ки ба сифати силоҳ истифода бурда мешаванд, табъу нашри варақаҳо, адабиёт,маводи дигари хусусияти экстремистидошта ва ғайра).

Роҳбарӣ ба иттиҳоди экстремистӣ ин аз ҷониби як ё якчанд шахс иҷро намудани вазифаҳои идоракунӣ (фармонфармоӣ)-ро ба чунин иттиҳоди экстремистӣ ё ин ки ҷузъ ё томҳои ба чунин иттиҳод дохилшаванда ифода менамояд, ки он аз таҳия додани нақшаҳои содир намудани ҷиноятҳои мушаххас, тақсим намудани нақшҳо ва вазифаҳо, байни аъзоёни иттиҳод, тайёр кардани маводи экстремистӣ ва ғайра иборат мебошад (масалан, тақсими нақшҳо байни аъзоёни иттиҳод, ташкили таъмини техникӣ, тарҳрезии тарзу усули содир кардани ҷиноят, андешидани чораҳо нисбати аъзоёни иттиҳоди мазкур ва ғайра).

15. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки ташкили иттиҳоди ташкилкунандагон, роҳбарон ё дигарнамояндагони ҷузъ ё томҳои чунин иттиҳод мумкин аст дар таъсис додани мақоми муттаҳидгардида, ки фаъолияти якчанд ташкилотҳои экстремистии алоҳидаро оид ба банақшагирии фаъолияти якҷояи ҷинояткорона, гузаронидани ҷамъомадҳо, маҷлисҳо, машваратҳои мунтазам ё ғайримунтазами роҳбарони ташкилотҳои алоҳидаро назорат мекунад, ифода ёбад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили иттиҳодии экстремистӣ аз лаҳзаи воқеан таъсисёбии иттиҳодияи мазкур, яъне аз лаҳзаи муттаҳид гаштани якчанд шахс бо мақсади тайёрӣ ё содир намудани чинояти дорои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта ва аз ҷониби онҳоба амал баровардaниҳаракатҳои қасдона, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта равона шудаанд, новобаста аз он ки иштирокчиёни чунин иттиҳод ҷинояти ба нақша гирифтаи хусусияти экстремистидоштаро содир кардаанд ё не, фаро мерасад. Дар бораи омода будани иттиҳоди экстремистӣ ба содир кардани ҷиноятҳои дар боло зикргардида, масалан ба даст овардани созиш дар бораи истифодаи зӯроварӣ нисбати шахсон аз рӯи мансубият ба нажод, миллат, забон, гурӯҳи иҷтимоии муайян, мазҳаб, шаҳодат медиҳад.

Ҳамчунин бо қисми 1 моддаи $307^2$ КҶ барои ташкили иттиҳоди ташкилкунандагон, роҳбарон ё дигар намояндагони ҷузъ ё томҳои чунин иттиҳод, ки ба таъсис додани алоқаи зич байни шахсони номбурда бо мақсади таҳияи якҷояи нақшаҳо ва (ё) фароҳам овардани шароит барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта оварда расонида бошандҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

16. Таҳти мафҳуми иштирок дар иттиҳоди экстремистӣ ( қисми 2 моддаи $307^2$ КҶ) шомил шудани шахс ба ҳайати чунин иттиҳод бо роҳи муроҷиат кардан ба аъзогӣ, савганд ёд кардан, гирифтани ҳуҷҷати ҳизбӣ ё дигар ҳуҷҷати аъзогӣ, иҷро кардани супоришҳои роҳбарияти иттиҳод ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти иттиҳод ва ғайра ифода меёбад.

Кирдори шахсдар ҳамон ҳолатбо аломати такроран(қисми 3 моддаи $307^2$ КҶ) банду баст карда мешавад, агар барои ҷинояти қаблан содиркардааш ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда нашуда, доғи судиаш барҳам нахӯрда ва ё бардошта нашуда бошад.

Субъекти ҷинояти бо моддаи $307^2$ КҶ пешбинишуда шахсони мукаллафи ба синни шонздаҳсолагӣ расида мебошанд. Шахси аз синни чордаҳсола то шонздаҳсола, ки якҷоя бо аъзоёни иттиҳоди экстремистӣ ҷинояти мушаххасросодир намудааст, танҳо барои ҳамон

ҷиноятҳое, ки аз синни чордаҳсолагӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣменамоянд, ба ҷавобгарӣкашида мешавад.

17. Агар иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) дар натиҷаи муттаҳидшавии ду ё якчанд гуруҳҳои муташаккил таъсис ёфта бошад,он гоҳ ҳаракатҳои гунаҳгорон бо маҷмӯи ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 187 ва $307^2$КҶ банду баст карда мешавад.

18. Тахти мафҳуми ташкили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдокарда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бо сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст(моддаи $307^3$ КҶ),он ҳаракатҳои дорои хусусияти ташкилӣ фаҳмида мешаванд, ки ба давом додан ё аз нав оғоз намудани фаъолияти ғайриқонунии барҳамдодашуда ё манъкардашуда равона карда шудаанд (масалан, барпо намудани маҷлис, ташкили ҷалбкунии аъзои нав, намоишҳо, роҳпаймоиҳо, гузаштани ташкилот ба ҳолати пинҳонӣ, ташкил кардани махфигоҳҳову биноҳо барои гузаронидани маҷлисҳо, ҷой кардани аъзои ташкилот, нигоҳ доштани мавод, адабиётҳо ва дигар ашёҳо, кор карда баромадани нақшаҳои нави фаъолияти ташкилот, аз нав ба қайд гирифтани аъзои ташкилот ва ғайра).

19. Зери мафҳуми иштирок дар ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдокарда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бо сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст (қисми 2 моддаи $307^3$ КҶ), аз ҷониби шахс содир намудани ҳаракатҳои қасдонае, ки барои баамалбарории ҳадафҳои ташкилоти экстремистӣ равона карда шудаанд(масалан, гузаронидани суҳбатҳо бо мақсади ташвиқу тарғиботи фаъолияти ташкилоти барҳамдодашуда ё манъкардашуда, ҷалбкунии иштирокчиёни нав, иштирок дар маҷлисҳо, ҷамъомадҳои аъзои ташкилоти мазкур, иҷро намудани супоришҳои роҳбарияти он, гузаштан ба ҳолати пинҳонӣва ғайра),фаҳмида мешавад.

Дар сурати аз тарафи ташкилкунанда (роҳбар) ё иштирокчии ташкилоти экстремистӣ содир намудани ҷинояти мушаххас кирдорионҳо бо маҷмӯи ҷиноятҳоибо қисмҳои 1 ё 2 моддаи $307^3$ КҶ пешбинишуда ва моддаи дахлдори КҶ банду баст карда мешаванд.

20. Ҳангоми ҳалли масъалаи фарқияти ҷинояти дар моддаи $307^3$ КҶ пешбинигардида азкирдори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣсуд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки моддаи 477 КҲМ ҷавобгарии маъмуриро барои роҳбарӣ ё иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию динӣ,ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд инчунин фаъолияташон боздошта ва ё манъ шудааст, моддаи $307^3$ КҶ бошад, ҷавобгарии ҷиноятиро барои ташкил ва ё иштирок дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдокарда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, пешбинӣ менамоянд.

21. Тахти мафҳуми ихтиёран даст кашидан аз иштирок дар иттиҳоди экстремистӣ, иштирок дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ва ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонуни пайдокарда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, ки барои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ асосмегардад, он ҳолат фаҳмида мешавад, ки шахс ихтиёран ва ба таври қатъӣ ташкилотҳои номбурдаро тарк карда, муносибаташро бо онҳо қатъ намояд,агардар кирдораш таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад. Масалан, баромадан аз ҳайати ташкилоти экстремистӣ, иҷро накардани супоришҳои роҳбари он, рад кардани содир намудани дигар ҳаракатҳое, ки мавҷудияти ташкилотро дастгирӣ менамояд.

22. Тахти мафҳуми ташкили таълим ё гуруҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта, инчунин роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим новобаста аз ҷойи таълим (моддаи $307^4$ КҶ) кирдорҳоишахс ё гуруҳи шахсон фаҳмида мешаванд, ки мақсади онҳо аз ташкил намудани таҳсили ғайрирасмии шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимӣ ва ё ҷойҳои алоҳида бо мақсади дар мафкураи таълимгирандагон ҷой намудани ғояҳоидинии хусусияти экстремистидошта, роҳбарӣ ва иштирок дар чунин таълимот новобаста аз ҷойи таълим иборат

мебошад. Масалан, тарғиби ғояҳои бартарии гурӯҳи шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, тарбия намудани ҳиссиёти тоқатнопазирӣ ва бадбинӣ нисбат ба дигар динҳова ғайра.

Мафҳумҳои роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим ва бо истифода аз мақоми хизматӣдар бандҳои12, 14-19 Қарори мазкур оварда шудаанд.

Аломати бандубасткунандаи «бо маблағгузорӣ намудани чунин гурӯҳҳо» (қисми 2 моддаи $307^4$ КҶ) дар расонидани хизмати молиявӣ, додан ё ҷамъовардани маблағҳои пулӣ (дар шакли нақдӣ ё ғайринақдӣ) ифода мегардад. Масалан, маблағгузории мунтазам ё саҳми яккарата ба хазинаи таълимгоҳ, таъмини таҷҳизоти техникӣ,харидани молу мулки ғайриманқулбарои он, ё ин ки пардохти арзиши иҷораи он, додани маблағҳои пулӣ барои ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта ва ҳоказо.

23. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, кибарои муайян карданихусусияти экстремистӣ(ифротгароӣ) доштан ё надоштани мавод зарур аст киэкспертизаи забоншиносӣ таъин карда шавад. Ҳангоми гузаронидани экспертизаи мазкурба ғайр аз забоншиносон коршиносони соҳаи мухталифи дониш ё илмӣ,аз ҷумла, равоншиносон, таърихшиносон, диншиносон, антропологҳо, файласуфон, сиёсатшиносон ва ғайра, метавонанд ҷалб карда шаванд. Дар ин ҳолат экспертизаи комплексӣ таъин карда мешавад.

Ҳамзамон дар сурати таъин кардани экспертиза дар назди коршиносон (экспертҳо) гузоштани саволҳои ҳуқуқӣ оид ба баҳодиҳии кирдори гунаҳгор, ки танҳо ба салоҳияти истисноии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо мансуб аст, иҷозат дода намешавад.

24. Ҳангоми таъини ҷазо ба суд, судяҳо зарур аст, ки принсипи фардикунонии ҷазоро ба асос гирифта, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд (қисми 3 моддаи 60 КҶ),ҳангомитаъини ҷазо нисбати ноболиғон бошад, ба ғайр аз ҳолатҳои номбурда, ҳамчунин шароити зиндагӣ ва тарбияи ӯ, дараҷаи инкишофи руҳӣ, вазъи саломатӣ, хусусиятҳои дигари шахсӣ, инчунин таъсири шахсони дигарро ба назар гиранд(қисми 1 моддаи 88 КҶ).

25. Масъалаи мусодираи маблағи пулӣ, арзишҳо, қоғазҳои қиматнок ва ҳама гуна даромадҳо аз молу мулки мазкур, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта ба даст оварда шудаанд, мусодираи олот ва (ё) воситаҳои содир намудани ҷиноят, ки ба шахси гунаҳгор тааллуқ доранд бояд мутобиқи талаботи моддаи 57 КҶ ва қисми 3 моддаи 78 КМҶ ҳал карда шаванд.

26. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки агар ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, инчунин риоянакардани муқаррароти қонун, ки зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ ошкор карда шаванд, мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 35 КМҶ ҳуқуқ доранд нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ бароранд.

27. Бинобар қабули Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31августи соли 2007, №7 «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ташкилотҳои экстремистӣ (ифротгароӣ)» бо тағйиру иловаҳоибо қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2012, №5 воридгардида аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллозода**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.А.Ҳакимова**